«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия
_______________Насуриён П.А.
«__11__» ____04.____ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таҳқиқи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва такмили сиёсати ҷиноятӣ аҳаммияти хосса касб намудааст. Дар даҳсолаҳои охир тамоюли умумиҷаҳонии гуманизатсияи қонунгузории ҷиноятӣ, ки моҳияти он маҳдуд намудани татбиқи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва густариш додани истифодаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба назар мерасад. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки ҷудо намудани шахс аз ҷомеа на ҳамеша ба расидан ба мақсадҳои ҷазо – барқарор намудани адолати иҷтимоӣ,ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии содиршавии ҷиноятҳои нав мусоидат мекунад. Баръакс, дар баъзе ҳолатҳо он боиси ташаккули муҳити криминогенӣ, канда шудани робитаҳои

иҷтимоӣ, суст гардидани имконияти бозгашти муваффақонаи шахс ба ҷомеа ва афзоиши сатҳи такрори ҷиноят мегардад. Аз ин рӯ, ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ҳамчун воситаи самараноки таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

Дар баробари ин, аҳаммияти илмии мавзуъ низ назаррас мебошад. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаҳои вобаста ба моҳият, мазмун, таъин ва иҷрои ин намуди ҷазоҳо то ҳол пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. Баҳсҳо дар атрофи табиати ҳуқуқии онҳо, таносуби онҳо бо принсипҳои адолат, инсондӯстӣ ва фардикунонии ҷазо, инчунин меъёрҳои фарқгузории онҳо аз дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ идома доранд. Муайян намудани заминаҳои назариявии истифодаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таҳлили мақсад ва вазифаҳои онҳо дар низоми умумии ҷазоҳо, инчунин арзёбии самаранокии онҳо дар муқоиса бо маҳрум сохтан аз озодӣ зарурати таҳқиқоти амиқи илмиро ба миён меорад.

Аз ҷиҳати амалӣ низ як қатор мушкилот вуҷуд доранд. Дар фаъолияти судҳо ҳангоми таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, нобаробарии муайян ба назар мерасад, ки он метавонад ба татбиқи номутавозини принсипи адолат оварда расонад. Илова бар ин, иҷрои чунин ҷазоҳо на ҳамеша бо механизми муассири назорат ва танзим таъмин мегардад. Мушкилоти ташкили назорати рафтори маҳкумшудагон, таъмини шароити иҷрои корҳои ҳатмӣ ё корҳои ислоҳӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки такмили заминаи институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқиро талаб менамоянд. Мукаммалгардонии қонунгузорӣ метавонанд ба мушкилоти татбиқи амалии онҳо оварда расонанд.

Ҳамзамон, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва рушди минбаъдаи сиёсати ҷиноятӣ тақозо менамояд, ки доираи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд васеъ гардида, механизми татбиқи онҳо такмил дода шавад. Мукаммалгардонии қонунгузорӣ метавонад ба мушкилоти татбиқи амалии онҳо оварда расонад. Мукаммалгардонии қонунгузорӣ бояд ба таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии маҳкумшудагон, таъмини шаффофият ва яксонӣ дар амалияи судӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии иҷрои ҷазоҳо равона гардад. Инчунин, мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар самти истифодаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд аҳаммияти махсус дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзуи таҳқиқ на танҳо дорои аҳаммияти назариявӣ, балки дорои арзиши баланди амалӣ низ мебошад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ вобаста ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, метавонад ба рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили сиёсати ҷиноятӣ ва таъмини ҳифзи самараноки ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат намояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ» баланд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории ҷиноятӣ, маводҳои судӣ ва адабиёти илмӣ бармеоянд. Асоси усулҳои таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда аз усулҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки аз ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷида шудаанд, истифода шудааст.

Дар диссертатсия бори аввал таҳқиқоти мукаммали илмӣ оид ба масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд гузаронида шуда, масъалаҳои таъин ва иҷрои ин ҷазоҳо дар асоси таҳлили муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ омӯхта шудаанд.

Муаллиф бо далелҳои муътамади илмию таҷрибавӣ пешниҳод кардааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Хусусан, пешниҳод шудааст, ки мафҳумҳои калидӣ ва истилоҳоти ҳуқуқие, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд, дақиқ карда шаванд. Ҳамзамон, дар кори мазкур пешниҳодҳои мушаххас барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти таъин ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, асоснок пешниҳод шудааст.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо

нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар раванди таҳқиқ мафҳумҳои калидии ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва таҷрибаи давлатҳои пасошуравию хориҷӣ омӯхта, дақиқ ва таълиф шудаанд. Инчунин, бори аввал дар таҳқиқоти мазкур зарурати такмил додани моддаҳои 48(1), 52, 54-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 14, 41, 48, 49-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳои назариявӣ ва амалӣ исбот шудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерини муҳимми назариявию амалӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд:

– дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ мафҳумҳои асосии дар боби 9, 10, 12 ва 14-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби $3^1$, 6,7, 13, 16-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардида, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, мафҳумҳои нави ин истилоҳот таълиф гардидаанд;

– таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ анҷом дода шудааст;

– дар сатҳи диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки такмили моддаҳои 48 (1), 52, 54-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 14, 41, 48, 49-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад;

– дар хусуси муайян намудани мафҳум, моҳият, таъин ва иҷрои ҷазоҳои баррасишаванда пешниҳодҳои мушаххас таҳия ва асоснок шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо таҷассум ёфтаанд, ки метавонанд, дар такмил додани меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ вобаста ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмуи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, низомнокӣ ва таҳлили оморӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур маълумоти омории ҷазоҳои ҷиноятӣ, маводҳои воқеии судии солҳои 2019-2024 истифода шудаанд, ки саҳеҳияти натиҷаҳо ва эътимоднокии хулосаҳоро ба таври назаррас боло мебардорад.

Хулосаҳои илмии муаллиф ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмии мавзуъ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ асос ёфта, далелҳои дар диссертатсия овардашуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ комилан боэътимод мебошанд.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ оид ба ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, аҳаммияти назаррас дорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, бахусус дар самти омӯзиши ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мусоидат менамоянд. Дар ин таҳқиқот барои аввалин бор дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, мафҳумҳои калидӣ дақиқ ва мукаммал гардидаанд, ки барои корҳои минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назаррас мегузоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти судӣ, прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар ва самаранoктар шавад. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф ҷиҳати такмил додани моддаҳои 48 (1), 52, 54-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 14, 41, 48, 49-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурусту яксон татбиқ кардани қонун, таъин ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мусоидат намуда метавонад.

Дар марҳалаи рушд ва ислоҳоти сиёсати ҷиноятӣ, ки дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷараён дорад, ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мавқеи махсус касб мекунанд, зеро онҳо ҳамзамон хусусияти тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд. Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, инчунин аз ҷиҳати иқтисодӣ барои давлат

манфиатноканд. Иҷрои ҷазоҳои дорои хусусияти молумулкӣ ё меҳнатӣ нисбат ба нигоҳдорӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ хароҷоти камтар дорад. Ғайр аз ин, маҳкумшуда имкони идомаи фаъолияти меҳнатӣ ва нигоҳ доштани ҷойи кори худро дорад, ки барои худи шахс ва оилааш манфиатнок мебошад. Ҳамин ҳолат ба паст кардани фишори адлиявӣ ба муассисаҳои ислоҳӣ ва самаранокии низоми ҷазо мусоидат мекунад. Барои мисол, маблаги иҷрои корҳои ислоҳӣ метавонад аз 10 то 30 фисади маоши шахсро ташкил диҳад, ки ҳамзамон бо фаъолияти меҳнатӣ ва нигоҳ доштани ҷойи кор анҷом дода мешавад. Ин равиш на танҳо хароҷоти иловагии давлатро кам мекунад, балки имкони идомаи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи манфиатҳои оилавиро низ фароҳам меорад. Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таҷассуми принсипи инсондӯстӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд. Ин гуна ҷазоҳо ба шахс имкон медиҳанд, ки гуноҳи содиркардаро бо ҳисси масъулияти иҷтимоӣ ҷуброн намояд. Ин намудҳои ҷазо на танҳо шахсро ислоҳ мекунанд, балки дар зеҳни ҷомеа тасаввури навро аз муносибати одилона ва башардӯстона дар баробари ҳуқуқвайронкунандагон ташаккул медиҳанд. Дар амал судҳо ва мақомоти иҷрои ҷазо кӯшиш мекунанд, ки ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бештар татбиқ намоянд, то шумораи маҳкумшудагон дар муассисаҳои ислоҳӣ кам гашта, таъсири иҷтимоии манфӣ коҳиш ёбад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти ҳамаҷонибаи илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои рушди устувори ҷомеа ва давлат саҳми назаррас мегузоранд.

**Дарҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути истифодаи маҷмуи методҳои илмии санҷидашуда таъмин гардидааст. Дар раванди таҳқиқот методҳои расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ, инчунин дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки аз ҷониби илми муосир таҳия ва дар амалия озмуда шудаанд, ба таври мақсаднок ва пайгирона истифода шудаанд. Муаллиф ба таҳлили маводҳои воқеии судӣ, маълумоти омории судӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии солҳои 2019-2024 такя намудааст, ки асоси боэътимоди эмпирикиро барои натиҷаҳо ва хулосаҳо ташкил медиҳад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, инчунин маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ тасдиқ

гардидааст. Таҳлили амиқу дақиқи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст бошанд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ таҳия кардааст. Ҳар як хулоса ва пешниҳоди муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ заминаи кофӣ доранд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ мувофиқ ва судманд мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Зокирзода Зафар Хайрулло дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навишти диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, аз тарафи худи муаллиф коркард ва асоснок гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур махсусан дар таълифи мафҳумҳои нави ҳуқуқие, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ истифода мешаванд, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили моддаҳои 48 (1), 52, 54-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои 14, 41, 48, 49-и Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани мафҳум ва моҳияти ҷазоҳои корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ифода ёфтааст.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ зоҳир мегардад, ки бори дигар арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 6 монография, 52 мақолаи илмӣ инъикос гардида, ба баррасии паҳлӯҳои гуногуни ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, бахшида шудаанд. Аз ҷумла, 27 мақола дар маҷаллаҳои илмие нашр гардидаанд, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои интишор тавсия шудаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/10. – С. 222-229.
2. Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества в теории уголовного права [Текст] / З.Х. Зокиров // Вестник РТСУ. – 2018. – Т. 1. – №1 (61). – С. 88-95.
3. Зокирзода З.Х., Шарипов Т.Ш. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оид ба ҷазо дар намуди мусодираи молу мулк [Матн] / З.Х. Зокирзода, Т.Ш. Шарипов // Маҷалаи академии ҳуқуқ . – 2019. – №4 (32). – С. 104-113.
4. Зокирзода З.Х. Конфискация имущества в теории уголовного права: сущность и содержание [Текст] / З.Х. Зокирзода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №2 (42). – С. 90-96.
5. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2021. – №4. – С. 220-229.
6. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Некоторые вопросы криминализации и декриминализации клеветы в уголовном законодательстве Республики Таджикистан [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №3. – С. 207-214.
7. Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Низоми ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъияӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №5. – С. 223-230.
8. Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д., Алиев И.И. Масъалаҳои асосии мақсади ҷазо дар сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №6. – С. 218-225.
9. Зокирзода З.Х., Мелюханова Е.Е. Совершенствование уголовного законодательства Российской Федерации и Республики Таджикистан о конфискации имущества [Матн] / З.Х. Зокирзода, Е.Е. Мелюханова //

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №7. – С. 294-301.

10. Зокирзода З.Х. Асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 294-301.

11. Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии инсон [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.Д. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2022. – №11. – С. 212-219.

12. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Оид ба масъалаи декриминиализатсия кардани тухмат ва таҳқир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №1(25). – С. 68-81.

13. Зокирзода З.Х., Азимов Ф.А. Баъзе масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тибқи Вандидод ва таносуби он бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Азимов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ-амалӣ). – 2022. – №2(26). – С. 29-43.

14. Зокирзода З.Х. Мафҳум ва моҳияти ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд [Матн] / З.Х. Зокирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 4 (56). – 37-48.

15. Зокирзода З.Х. Мушкилоти системавии таносуби намудҳои ҷазои асосӣ ва иловагӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Законодательство. – 2022. – №4(48). – С. 120-126.

16. Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №2. – С. 250-254.

17. Зокирзода З.Х., Алиев И.И. Шаклҳои амалисозии функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, И.И. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2023. – №3. – С. 213-219.

18. Зокирзода З.Х., Воробьев С.М., Бобохонов Ф.А. Конфискация имущества в Конституции и Уголовном кодексе Республики Таджикистан: сравнительно-правовой анализ [Текст] / З.Х. Зокирзода, С.М. Воробьев, Ф.А. Бобохонов // Человек: преступление и наказание. – 2023. – Т.31. – №3. – С. 352-360.

19. Зокирзода З.Х., Шодизода Н.М Проблемаҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2023. – №11. – С. 232-239.

20. Зокирзода З.Х. Шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №4-1. – С. 232-241.

21. Зокирзода З.Х. Масъалаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иҷрои корҳои ислоҳӣ [Матн] / З. Х. Зокирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – № 1(33). – С. 237-249.

22. Зокирзода З.Х. Моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – № 3(100). – С. 64-75.

23. Зокирзода З.Х. Моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2024. – № 4 (101). – С. 48-58.

24. Зокирзода З.Х. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – № 4 (52). – С. 199-210.

25. Зокирзода, З.Х. Мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд [Матн] / З.Х. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №8. – С. 231-238.

26. Зокирзода З.Х. Танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – № 1 (61). – 19-29.

27. Зокирзода З.Х., Маҳмадёқубова, С.М. Таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ [Матн] / З.Х. Зокирзода, С.М. Маҳмадёқубова // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2025. – № 1 (65). – С. 52-64.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи таҳқиқоти мавзуъ дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст. Дар баробари ин,

мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ ва методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва нуктаҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмуи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо дарназардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 409 саҳифаро дар бар мегирад

Боби якум ба «**Моҳият, мақсад ва низоми ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон** бахшида шуда, аз се зербоб иборат мебошад, ки дар онҳо паҳлуҳои мухталифи низоми ҷазо мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зербоби якум масъалаҳои марбут ба **«Мафҳум ва моҳияти ҷазоҳоеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд»,** фаро гирифта, муҳаққиқ дар он қайд намудааст, ки баъд аз шуруъи давраи сифатан нави рушди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне замони ба истиқлол даст ёфтани кишвар ва ҳамчунин бо таваҷҷуҳ ба ислоҳоти ҳуқуқии анҷомшуда, мизони муҳим будани ҷазоҳои мазкур ба маротиб афзоиш ёфтааст (саҳ. 24).

Ба андешаи муаллиф, мафҳуми ин ҷазоҳо, асосан, дар он ифода меёбад, ки шахс аз муҳити иҷтимоии худ ҷудо намешавад, балки дар оила, маҳалли зист ва ҷойи кори худ боқӣ мемонад. Ҳамин тариқ, маҳкумшуда ҳамзамон бо гирифтани ҷазои қонунӣ, имкони нигоҳ доштани робитаҳои иҷтимоии худро пайдо намуда, минбаъд аз такроран содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ даст мекашад. Ин намуди ҷазо вазифаи дуҷонибаро иҷро мекунад: аз як тараф, шахс ба қонунгузорӣ эҳтиром мегузорад ва гуноҳи содиркардаро ҷуброн менамояд ва аз тарафи дигар ҷомеа имкони барқарорсозии муносибатҳои солими иҷтимоиро бо шахс нигоҳ медорад (саҳ. 24-25).

Зербоби дуюм ба масъалаи **«Проблемаҳои мақсадҳои ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқи ин масъала муаллифи таҳқиқот қайд мекунад, ки мақсадҳои ҷазо самти фаъолияти судеро, ки ҷазои муайянро таъин менамояд, ҳамчунин мақомоти марбутаеро, ки масъули иҷрои ҷазо аст, мушаххас менамояд (саҳ. 43).

Зербоби сеюми боби якум – **«Низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, муаллиф дар он масъалаҳои низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аҳаммияти он; асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Қисми якуми зербоби сеюми таҳқиқот – **«Низоми ҷазо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва аҳаммияти он»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки яке аз ниҳодҳои (институтҳои) меҳвариву марказӣ дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҷазо ба ҳисоб меравад, ки тартиб, намуд ва пайдарҳамии ҷазоҳои ҷиноятиро муайн менамояд. Низоми ҷазо механизме мебошад, ки давлат тавассути он дар нисбати шахси гунаҳгор ҷавобгарии ҷиноятиро амалӣ месозад. Ин маънои онро дорад, ки бе низоми дақиқи ҷазо на адолати судӣ таъмин мегардад ва на манфиатҳои иҷтимоӣ ҳифз мегардад. Моҳиятан сухан дар бораи зинаи асосии тамоми механизми таъсиргузории ҳуқуқи ҷиноятӣ рӯйи шахсоне меравад, ки даст ба ҷиноят мезананд (саҳ. 66).

Қисми дуввуми зербоби севвуми таҳқиқот – **«Асосҳои ҷудо намудани ҷазоҳои ҷиноятӣ ба ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки мутобиқи КҶ ҶТ, содир гардидани ҷиноят таъини ҷазо нисбат ба шахси гунаҳкор дар содир намудани кирдори ҷиноятиро ба дунбол хоҳад дошт. Таъини намудҳои гуногуни ҷазоҳои иловагӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб шуда, амалан зарурати такмил додани минбаъдаи низоми ҷазои ҷиноятиро талаб менамояд. Аммо бояд зикр кард, ки дуруст танзим намудани институти ҳуқуқии ҷазоҳои иловагӣ, аслан, як мавзуи мураккаб ва ҳалношуда ба ҳисоб меравад, зеро тавре ки феълан ба мушоҳида мерасад, дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии кишвар мушкили низоманди таносуби намудҳои ҷазоҳои асосӣ ва иловагӣ вуҷуд дорад (саҳ. 77).

Боби дуюми диссертатсия **«Мазмуни ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд»**, ном гирифта, он аз чаҳор зербоб иборат мебошад.

Дар ин боб муаллиф ба тарви ҳамаҷониба мазмуни ҷазоҳои асосиеро, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, таҳлил намуда, бо истифода аз маводи назариявӣ ва амалии мавҷуда, масъалаҳои муҳимро баррасӣ намудааст. Дар рафти таҳқиқ, муаллиф аввалан моҳият ва мазмуни корҳои ҳатмӣ ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятиро муайян намуда, хусусиятҳои алоҳидаи онҳоро нишон додааст. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян намудааст, ки моҳияти корҳои ҳатмӣ ҳамчун яке аз намудҳои ҷазо ба хусусиятҳои махсуси он корҳое вобастагӣ дорад, ки ҳангоми адо намудани давраи иҷрои ҷазо

тавассути шахси маҳкумшуда иҷро мегарданд. Моҳияти корҳои ҳатмӣ дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун ҷазои сабук, ислоҳкунанда ва самаранок амал мекунад. Ин намуди ҷазо шахсро аз ҷомеа дур намекунад, балки ӯро водор месозад, ки бо меҳнати фоиданоки худ зарари иҷтимоиро ҷуброн намуда, ба ҳаёти қонунмеҳвар баргардад. Ҷазои корҳои ҳатмӣ, асосан, ба он равона шудааст, ки шахси гунаҳгор бе маҳрум сохтан аз озодӣ, иҷрои меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, ҳисси масъулият, интизом ва эҳтиром ба қонунро дар худ тақвият бахшад. Ҷазои корҳои ҳатмӣ таҷассумгари сиёсати инсонпарваронаи ҳуқуқи ҷиноятӣ буда, дар замони муосир воситаи самараноки пешгирии ҷиноятҳо ва ислоҳи шахс баромад менамояд» (саҳ. 107).

Муаллиф оид ба моҳият ва мазмуни корҳои ислоҳӣ дар таҳқиқот ишора мекунад, ки дар саросари ҷаҳон инсондӯстона гардонидани ҷазоҳои ҷиноятӣ бо маром идома дорад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш намуда истодааст, ки барои ҳар як ҷиноят ҷазои мувофиқ таъин карда шавад. Аз ин ҷост, ки барои ҷиноятҳои дорои хусусияти молумулкӣ ҷазоҳои молумулкӣ муқаррар карда мешавад. Корҳои ислоҳӣ як намуди муосири ҷазои молумулкӣ мебошанд, ки иқтидори кофии сазоро нисбати маҳкумшуда ва таъсири хеле мусбати иқтисодиро ифода мекунанд. Корҳои ислоҳӣ барои ҷиноятҳои дорои хусусияти молумулкӣ таъсири хуби тарбиявӣ доранд (саҳ. 109).

Дар натиҷаи таҳлили  мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ муаллиф як қатор пешниҳод ва хулосаҳои худро баён намудааст. Аз ҷумла, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ин низоми маҳдудсозиҳое мебошад, ки қонунгузори ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ онҳоро муқаррар намуда, дорои хусусиятҳои ҳуқуқӣ, моддӣ ва хизматӣ мебошад, ки дар натиҷаи татбиқи онҳо бо мақсади азнавтарбиякунӣ ва ислоҳи маҳкумшуда ба ӯ таъсири ҳуқуқӣ, моддӣ, равонӣ, хизматӣ, иқтисодӣ ва ғайра расонида мешавад (саҳ. 142-143).

Муаллиф зимни таҳқиқот дар бораи мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии маҳдуд кардани озодӣ» ишора мекунад, ки маҳдуд кардани озодӣ яке аз намудҳои нави ҷазои ҷиноятӣ буда, дорои мазмуну моҳият ва аломатҳои худ мебошад, ки қисме аз онро қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ муқаррар кардааст. Аз сабаби он ки сухан дар хусуси озодӣ ва маҳдуд кардани он меравад, бинобар ин масъала ба ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон робитаи мустақим дорад. Аз ин ҷиҳат, таҳлили масъалаи мазкур дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошад (саҳ. 143).

Боби 3 – «**Таъини ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд**» ном гирифта, аз чаҳор зербоб иборат буда, он ба таври ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар  зербоби таъини ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ иброз менамояд, ки ки дар давраи 6 соли охир, яъне аз соли 2019 то соли 2024 теъдоди аҳолии ба  маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшуда дар Тоҷикистон ба нуқтаи ҳассоси худ расидааст: танҳо тайи ин давра лозим ба зикр аст, ки дар кишвар дар асоси 62502 ҳукми судӣ ба 63842 нафар  ҷазои ҷиноятӣ таъин гардидааст, ки аз ин шумора 23984 ҳукми онро ҷазои махрум сохтан аз озодӣ ташкил медиҳад. Агар ба таври дигар бигӯем, яъне ба 38,37%-и шахсон ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда мешавад, ки ба мақсад мувофиқ нест. Тақрибан аз се як ҳиссаи ҳукмҳои судиро ҷазои махрум сохтан аз озодӣ ташкил медиҳад. Аз ҳукмҳои баровардашудаи 6 соли охир (2019-2024) корҳои ҳатмӣ 3986 парвандаро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳукмҳои дар умум баровардашуда 6,37%-ро ташкил менамояд (саҳ.162-163).

Зербоби дуюми боби сеюм ба масъалаи «**Таъини ҷазо дар намуди корҳоиислоҳӣ**» бахшида шуда, аз ду қисм иборат мебошад.  Қисми якуми зербоби дуюми таҳқиқот – «**Ҳолатҳое, ки ҳангоми таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ аз тарафи суд ба инобат гирифта мешаванд»,** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки зимни таъини ҳар як намуди ҷазо суд бояд баъзе ҳолатҳоеро ба инобат гирад, ки аз ҷониби қонунгузорӣ муқаррар гардида, дар баровардани ҳукм мусоидат менамоянд.  Ба андешаи муаллиф, корҳои ислоҳӣ чунин ҷазое мебошад, ки на он қадар сахт ва маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, аксар вақт он барои ҷиноятҳое, ки барои ҷомеа хавфи махсус надоранд ва ё барои одамоне, ки бидуни истифодаи чораҳои сахттари ҷавобгарӣ ислоҳ шуда метавонанд, таъин карда мешавад (саҳ. 175).

Қисми дуюми зербоби дуюми таҳқиқот – «**Амалияи таъини ҷазои корҳои ислоҳӣ**» ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки корҳои ислоҳӣ яке аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки онҳо бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста набуда, дар амалия ба таври васеъ татбиқ карда мешавад. Аммо таҳлили омори таъини ҷазои мазкур, ҳукмҳои судӣ ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки дар амалияи таъини корҳои ислоҳӣ баъзе масъалаҳои ҳалталаб мушоҳида мегардад. Омӯзиш ва таҳқиқи амалияи татбиқи ҷазои корҳои ислоҳӣ ба ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самти мазкур, такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани баъзе камбудиҳое, ки дар ҳукмҳои судӣ ба назар мерасанд ва дигар масъалаҳои муҳимми назариявию амалӣ мусоидат менамояд (саҳ. 185).

Зербоби сеюми боби сеюм – **«Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»** ном гирифта, муҳаққиқ иброз менамояд, ки дар интиҳо роҳи ҳалли қонунгузории мавриди назар имкони берун рафтан аз ҳудудҳои санксияҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро бо сахттар кардани ҷазо фароҳам месозад, зеро номгӯйи ҷазоҳои пешбининамудаи м. 47 КҶ ҶТ ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбиро дар муқоиса бо ҷазои корҳои ислоҳӣ ҷазои вазнинтар меҳисобад. Барои мисол, хизматчии ҳарбие, ки аз рӯйи шартнома адои хизмат менамояд, барои хароб сохтани замин (қ. 1 м. 228 КҶ ҶТ) ба ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ маҳкум мегардад. Вале чунин ҷазо дар санксияҳои моддаҳои зикргашта умуман таъкид намешавад (саҳ. 219).

Зербоби чоруми боби сеюм – **«Таъини ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки мушкилоти таъини маҳдуд кардани озодӣ метавонад бо сабабҳои гуногун вобаста бошад, аз ҷумла, норасоии қонунгузорӣ, мушкилоти иқтисодӣ, шубҳаҳо дар бораи самаранокии онҳо ва таҳдидҳо дар бораи такрори содири ҷиноятҳо. Барои беҳтар кардани низом ва таҳкими таъини дурусти ҷазои мавриди назар зарур аст, ки қонунгузорӣ такмил дода шавад, механизмҳои мониторингӣ ва дастмонаҳои назоратӣ истифода бурда шаванд (саҳ. 219).

Боби чоруми диссертатсия **«Иҷрои ҷазоҳои бо фаъолияти ҳатмии меҳнатии маҳкумшудагон алоқамандбуда»** ном гирифта, аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якуми боби чорум – **«Танзими ҳуқуқии иҷрои корҳои ҳатмӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрам танзими ҳуқуқии иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин миён ҷазои корҳои ҳатмиро ба таври махсус метавон ёдовар шуд, зеро бо сабаби нав ворид шуданаш ба қонунгузории ҷиноятӣ аз мушкилиҳои танзимӣ-ҳуқуқӣ орӣ намебошад. Корҳои ҳатмӣ яке аз ҷазоҳои дорои хусусияти инсондӯстӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми ҷазои ҷиноятии бештари кишварҳои дунё мавқеи намоёнро ишгол менамоянд (саҳ. 237).

Зербоби дуюми боби чорум – **«Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, аз се қисм иборат мебошад. Қисми якуми зербоби дуюм – **«Масъалаҳои ташкилии ҳуқуқии раванди иҷрои корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки дар низоми ҷазоҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷиноятии кишвар яке аз ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, корҳои ислоҳӣ ба ҳисоб меравад ва тавре таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, он дар

амал мутаносибан дар қиёс бо дигар ҷазоҳо бештар мавриди истифода қарор мегирад (саҳ. 260-261).

Қисми дуюми зербоби дуюм – **«Шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки корҳои ислоҳӣ мутобиқи шарту шароити муқаррарнамудаи қонунгузории кишвар иҷро карда мешаванд. Дар раванди фаҳмонидадиҳии шартҳои иҷрои корҳои ислоҳӣ ва бечунучаро риоя намудани онҳо ва ҳамчунин масъалаҳои марбут ба саркашии маҳкумшудагон аз иҷрои онҳо ниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ масъул мебошад (саҳ. 273).

Муаллиф иброз доштааст, ки шартҳои умумӣ уҳдадориҳои зерини афроди маҳкумшударо дар бар мегиранд: риояи тартиби муайяншудаи адои ҷазо; муносибати софдилона ба иҷрои кор. Шартҳои махсуси иҷрои корҳои ислоҳӣ ба сурати зер аст: аз даромади шахси маҳкумшуда ситонидани маблаги муайян; набудани имкони озод сохтани фарди маҳкумшуда бо хоҳиши худи ӯ. Аз нигоҳи муаллиф, хусусияти муштараки шартҳои адои ҷазо ин хусусияти ҳатмии онҳо мебошад. Ба эътиқоди муаллиф, дар таснифоти ироашуда хусусиятҳои шароити иҷрои корҳои ислоҳӣ ба таври комил ба инобат гирифта нашудаанд (саҳ. 273).

Қисми сеюми зербоби дуюм – **«Масъалаҳои бакоргирии равишҳои ислоҳи шахсони ба иҷрои корҳои ислоҳӣ маҳкумшуда»** ном гирифта, ба ишораи муаллиф зимни таҳқиқот аз номи ҷазо бармеояд, ки асоси иҷрои корҳои ислоҳиро ин раванди ислоҳ намудани маҳкумшуда ташкил медиҳад. Иҷрои ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ на танҳо бо сазодиҳӣ, балки бо таъсири ислоҳӣ низ алоқаманд мебошад. Ҷиҳати ислоҳи маҳкумшуда қонунгузории иҷрои ҷазо меъёрҳои дахлдор муқаррар кардааст, ки воситаҳои самарабахши ислоҳиро пешбинӣ мекунанд. Аз ҷумла, дар м. 14 КИҶҶ ҶТ муқаррар гардидааст, ки "ислоҳи маҳкумшудагон ин дар онҳо ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба одам, ҷамъият, меҳнат, меъёрҳо, қоидаҳо ва анъанаҳои ҳаёти умумии инсон ва ҳавасманд гардондани рафтори ҳуқуқӣ мебошад" (саҳ. 285-286).

Боби панҷуми диссертатсия **«Иҷрои ҷазоҳои бо маҳдуд кардани озодӣ алоқамандбуда»** ном гирифта, дар он масъалаҳои иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ, мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд, проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Зербоби якум ба масъалаи **«Иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ»** бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқи ин масъала муҳаққиқ ёдовар шудааст, ки яке аз ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ҷазои маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ

маҳсуб меёбад. Ҷазои мазкур нисбати хизматчиёни ҳарбӣ таъин карда мешавад. Ҷараёни иҷрои ҷазои мазкур дорои хусусиятҳои худ мебошад. Мавриди зикр аст, ки оид ба хусусиятҳои иҷрои ҷазои мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф ҷой доранд (саҳ. 300).

Зербоби дуюм ба масъалаҳои марбут ба **«Ташкили иҷрои ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ»** ихтисос дорад ва он аз ду қисм иборат мебошад.

Қисми якуми зербоби дуюм ба масъалаи **«Мақоми ҳуқуқии шахсоне, ки ба маҳдуд кардани озодӣ маҳкум шудаанд»,** бахшида шудааст. Ҳангоми баррасии масъалаи мазкур муҳаққиқ иброз доштааст, ки маҳдуд кардани озодӣ яке аз ҷазоҳои ҷиноятие мебошад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста набуда, дар ислоҳ ва азнавтарбиякунии маҳкумшудагон таъсири хуб мерасонад. Бинобар ин, омӯзишу таҳқиқи ин масъала дар илми ҳуқуқшиносии давлат аз аҳаммияти махсус бархӯрдор аст. (саҳ. 321).

Қисми дуюми зербоби дуюм – **«Проблемаҳои иҷрои ҷазои маҳдуд кардани озодӣ»** ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот ишора мекунад, ки имрӯз гуманизатсияи қонунгузории ҷиноятӣ дар саросари кишварҳо ба як тамоюли байналмилалӣ мубаддал гардидааст. Ҷазоҳое, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар тамоми кишварҳо мавриди истифода қарор доранд ва Тоҷикистон низ дар ин самт истисно нест (саҳ. 331).

Дар анҷоми таҳқиқоти худ, муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, манзур намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Зокирзода Зафар Хайрулло ба ихтисоси илмии дархостшаванда-5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камубдиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар диссертатсия масъалаҳои назариявии марбут ба мафҳум ва моҳияти ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ин самт нисбатан маҳдуд ба назар мерасад. Тақвият додани таҳлили муқоисавии таҷрибаи давлатҳои дигар метавонад ба боз ҳам амиқтар гардидани натиҷаҳои илмии таҳқиқот мусоидат намояд.

2. Дар диссертатсия масъалаҳои татбиқи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи конвертатсияи тафриқавии соатҳо, аз ҷумла тартиби табдил додани соатҳои корҳои ҳатмӣ ба таври кофӣ дар заминаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ баррасӣ нашудааст. Дар ҳоле, ки дар қонунгузорӣ ва амалияи судии як қатор давлатҳо, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Федеративии Олмон механизми муайяни табдили ҳавасмангардонӣ ҳангоми адои ҷазои маҳкумшудагон пешбинӣ гардидааст. Таҳлили муқоисавии чунин таҷрибаҳо ва истифодаи онҳо дар таҳқиқот метавонад ба асоснокии хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоди мукаммалгардонии қонунгузории миллӣ мусоидат намояд.

3. Муаллиф дар саҳифаи 6 диссертатсия менависад, ки «Дар айни замон сиёсати қонунгузории ҷиноятӣ пайваста амалӣ карда мешавад, ки он ба васеъ намудани доираи татбиқи ба истилоҳ намудҳои алтернативаи ҷазо, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, нигаронида шудааст. Истифодаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ба пешгирии ҷиноятҳои такрорӣ ва тарбия намудани шахсони ҷиноят содиркарда имкониятҳои васеъро фароҳам меоварад. Илова бар ин, таъин намудани чунин ҷазоҳо имкон медиҳад, ки барои нигоҳдории маҳкумшудагон хароҷоти камтар сарф гардад, ки он метавонад ба қисмати буҷети давлат таъсири мусбӣ расонад». Муаллиф истилоҳи «намудҳои алтернативии ҷазо»-ро истифода бурдааст, аммо мазмун ва доираи ин мафҳум дар матн ба таври мушаххас шарҳ дода нашудааст. Барои равшан гардидани

мавқеи илмии муаллиф хуб мебуд, агар мафҳуми мазкур бо такя ба назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ё қонунгузории амалкунанда муайян карда мешуд. Дар ин мавирд асосноккунии иловагӣ вобаста ба мавзуи мавриди назар талаб карда мешавад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: «Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукаммалгардонии қонунгузорӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ- назариявӣ таҳти № 9 аз 10-уми апрели соли 2026.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 5.5.1), полковники милитсия Назарзода Носир Ҷобир омода гардида, дар ҷаласаи кафедра баррасӣ, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 15 нафар иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти № 9 аз 10 – уми апрели соли 2026.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
подполковники милитсия Заробидинзода С.З.

**Ташхисгар:**
Профессори кафедраи ташкили идоракунии
фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ.

**Котиби ҷаласа:**
Муаллими кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети № 2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
капитани милитсия Анвариён Ш.Ш.

Имзои С.З. Заробидинзода, Н.Ҷ. Назарзода ва Ш.Ш. Анвариёнро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия А.Р. Саидзода

«11» 04 соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: avkdtj@mail.ru